

Дар нохияи Зафаробод бахри сазовор ва арзанда тачлил намудани Рӯзи Модар тадбирхои судманд ба рох монда шуд. Бобати арзанда тачлил намудани чашн накшаи чорабинихо ба тасвиб расида, кумитаи тадорукот таъсис дода шуд.

Чорабинихои таргиботӣ ва фахмондадихӣ бобати кадру манзалати Зан-Модар ва захматхою бузургии он дар байни мухассилину донишчуёни муассисахои таълимӣ, кормандони ташкилоту муассисахо баргузор гардиданд.

Байни духтарон бахшида ба Рӯзи Модар озмуни «Суруди алла», «Кадбонуи бехтарин» ва «Хунарманди бехтарин» гузаронида шуд, ки бонувон аз чамоатхои шахраку дехот дар чорабинихо фаъолона ширкат варзида, махорати худро муаррифӣ намуданд.

Дар партави накшаи чорабинихои чашнӣ аёдати бонувони фаъолу собикадор, ки дар пешрафти сохахои гуногуни хочагии халк сахми арзанда гузоштанд, ташкил ва ба рох монда шуд.



Санаи 7 март чорабинихои тантанавӣ дар касри фарханги «Зафар» бо иштироки рохбарияти макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия, кормандони макомоти хифзи хукук, бонувони фаъол ва сокинони нохия баргузор гардид. Дар чамъомади тантанавӣ табрикоти Раиси нохия Рачаб Ашурзода, хамчунин табрикоти ичрокунандаи вазифаи Раиси вилояти Сугд Рачаббой Ахмадзода аз чониби намояндаи макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилоят Давлатзода З. ба хозирин расонида шуд. Барномаи омоданамудаи ахли фарханги нохия тахти унвони «Модар фаришта буд» ба чорабинӣ хусни хоса бахшид.